# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география). – шаҳри Хоруғ. – 2025. – 10 с.

***1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ***

Муайян карда шуд, ки мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур ба меъёрҳои ҳар се банди дар зер зикрёфтаи шиносномаи тахассуси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) пурра мутобиқат менамояд:

1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, хок, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин;

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

***2. Мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ***

Дар замони муосир бо сабаби тағйироти номусоиди вазъи экологии муҳити табиӣ, фароҳам нагардидани шароити мукаммали истироҳатӣ ва болоравии дараҷаи дучоршавии фард ба ҳаяҷони руҳӣ тамоюли устувори бадшавии вазъи саломатии аҳолӣ ба назар мерасад. Хусусан, муҳити зисти шаҳрҳо ниёзҳои физиологӣ ва руҳонии инсонро қонеъ гардонида натавониста истодаанд, ки боиси афзоиши босуръати талабот ба хизматрасониҳои рекреатсионӣ мегардад. Дар ин ҳолат, нақши ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда баҳри таъмини истироҳати бофароғат ва барқарорсозии саломатии ҷисмонию руҳии фардҳо хеле меафзояд.

Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳамчун қитъаҳои хоси табиӣ, ки муҳити зисти онҳо дар ҳолати нисбатан дастнорасида ҳифз гаштааст, дар қонеъ намудани ниёзҳои физиологӣ ва руҳонии фард нақши муассир бозида метавонанд. Дар ҳамаи қитъаҳои ҷаҳон боздиди мавзеъҳои дорои ба истилоҳ "табиати ваҳшӣ ё дастнорасида", ба намудҳои маъмул ва бонуфузи фаъолияти инсон дар вақти фориғ аз вақти корӣ гаштааст. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бошад, шароитҳои мусоидро барои истироҳати босифат, бехатар ва аз ҷиҳати экологӣ муваффақро фароҳам меоваранд, ки ба фаҳмиши васеи саломатӣ, ки аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ қабул шудааст, мувофиқ мебошанд.

Дар шароити табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар ҳудуди маъмурии вилояти Суғд, масъалаи рушди мутавозини фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунад. Зеро, аз як ҷониб шароити табиии ин ҳудудҳо дорои иқтидори баланди рекреатсионӣ мебошанд ва ба солимгардонии аҳолӣ,

инчунин, рушди сайёҳии экологӣ мусоидат менамоянд. Аз тарафи дигар, солҳои охир ҳолатҳои таъсири манфии намудҳои гуногуни истифодаи захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ - ҳам кӯтоҳмуддат ва ҳам дарозмуддат - ба экосистемаҳои табиӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба қайд гирифта шудаанд. Ин таъсирот метавонанд устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро коҳиш диҳанд, ки сабабгори зуҳуроти хатар ба гуногунии биологӣ мегардад ва ҳам имконияти рушди устувори онҳо дар ояндаро маҳдуд менамоянд.

Бинобар ин, арзёбии илман асосноки потенсиали рекреатсионии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, таҳлили вазъи муосир ва сатҳи фишори антропогенӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо доир ба оптимизатсияи шакл ва шиддати истифодаи захираҳои рекреатсионӣ вазифаҳои муҳими аввалиндарача махсуб меёбад. Чунин ҳадафҳо, хусусан дар заминаи таъмини ҳамгироёнаи вазифаҳои ҳифзи табиат ва рушди сайёҳии экологӣ мавқеи муҳимро доро аст. Зеро, ҳар дуи ин самтҳо ҳадафҳои баробарвазни фаъолияти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда маҳсуб меёбанд.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда натанҳо бо мақсади ҳифзи маҷмааҳои нодири табиӣ ва гуногунии биологӣ, балки ҳамчунин барои рушди таъмини фаъолияти рекреатсионии ба принсипҳои истифодаи устувори захираҳои табиат асосёфта таъсис дода шудаанд. Лекин, таъмини самараноки расидан ба ин ҳадафҳо танҳо дар шароити дарки амиқи илмии таъсири сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ ба устувории геоэкологии ҳудуд бо назардошти хусусиятҳои табиӣ ва иҷтимоию иқтисодии маҳаллӣ имконпазир мебошад.

Бо назардошти андешаҳои болозикр, омӯзиши таъсири фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда аз масъалаҳои муҳими илми табиатшиносӣ ва амалияи замони муосир ба ҳисоб рафта, баррасии он аз ҷониби диссертант Каримӣ М.Д. амали саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ кардан мумкин аст.

***3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд***

Навгониҳои илмии таҳқиқотии диссертатсияи мазкур дар исботи илмии самтҳои асосии такмили механизми ташкил ва рушди устувори сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” таҷассум ёфтааст. Дар ҷараёни таҳқиқот диссертант бори нахустин таҳқиқи маҷмуавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғдро аз лиҳози объекти табиӣ ва сайёҳӣ бо арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд гузаронидааст. Ӯ мустақилона дар самтҳои таҳияи харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (парваришгоҳи “Дараи Сабз”) ва таҳқиқи таъсири бевосита ва мутақобилаи сайёҳии экологӣ ба муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таҳқиқоти муфассали илмӣ гузаронидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки дар диссертатсия муқаррар гардидааст, ҳамагӣ чор бандро дар бар мегиранд:

1. Муайянсозии сохтор, ҳолат ва хусусиятҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии мавҷударо имконпазир мегардонад.

2. Истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд дар заминаи асосҳои илмӣ дар мисоли парваришгоҳи "Дараи Сабз" ҳадафи маҳдуд кардани таъсироти манфӣ ба муҳити зистро доро аст.

3. Омӯзиши таъсири сайёҳии экологӣ ба устувории геоэкологии маҳал имконияти муайянсозии сатҳи муътадили таъсир ба муҳити зисти ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз"-ро муҳайё менамояд.

4. Таҳияи тавсияҳои мушаххас ҷиҳати рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд имконият медиҳанд, ки захираҳои геоэкологӣ ҳифз карда шаванд.

Нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мухтаво, мақсад ва вазифаҳои асосии дар диссертатсия гузошташударо пурра инъикос менамоянд.

***4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта***

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо дар таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти мавҷудаи соҳавӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти саҳроӣ ва лабораторӣ, тасвиби натиҷаҳо дар ҳамоишҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ, интишори онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад.

***5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия***

Дар қисмати муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ ҳамаҷониба асоснок карда шуда, мақсаду ҳадафҳо, объекту предмети таҳқиқот, мухтавои навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои амалии бадастовардашуда ва ғайра муайян, инчунин инъикос ёфтаанд.

Дар **боби якум "Заминаҳои илмӣ-методологии ташкили сайёҳии экологӣ, омили рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда"** ақидаҳо, нуктаи назар ва андешаҳои илмӣ-амалии муҳаққиқону мутахассисони соҳаҳои гуногуни табиатшиносӣ дар самтҳои тафсири мафҳуми сайёҳии экологӣ ва истифодаи мақсадноки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ҳамчун объекти сайёҳӣ муфассал таҳлил ва баён карда мешавад. Инчунин, аниқ карда шудааст, ки муҳаққиқони сершумори ватанӣ низ дар ин самт таҳқиқоти пурсамар гузаронида, андешаҳои ҷолиброи ҷиҳати хусусиятҳои ин раванд, аз ҷумла тағйироти муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда пешниҳод кардаанд.

Умуман, масъалаи истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба ҳайси объекти сайёҳӣ дорои сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ мебошад, аммо, дар қисми зиёди таҳқиқоти зикргардида таваҷҷуҳ бештар ба намудҳои мамнӯъгоҳҳо ва боғҳои миллӣ зоҳир гардидааст. Инчунин, аниқ карда шудааст, ки масъалаи ташкил ва такомули сайёҳии

экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон падидаи нисбатан нав дар солҳои охир буда, бо сабаби оғози ҷараёни ташаккул мавриди таҳқиқотҳои комил ва ҳамаҷонибаи илмӣ қарор дода нашудаанд ва зарурати таҳқиқи таъсири сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ ба нигоҳдории гуногуннамудии биологӣ, иқтисодиёти минтақа ва истифодаи захираҳои рекреатсионии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда то ба ҳанӯз боқӣ мемонад. Инчунин, ҷиҳати муайян намудани устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, алалхусус парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ таҳқиқот дар сатҳ ва дараҷаи кофӣ гузаронида нашудаанд ва тафсири он дар адабиётҳои илмӣ қарибки дучор нагардидааст. Маҳз, чунин хусусиятҳо барои интихоби мавзуи меҳварии таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаи илмӣ ва шароити зарурӣ фароҳам овардаанд. **(саҳ. 11-43)**

Муҳтавои **боби дуюми диссертатсия “Тавсифи табиӣ – географии ландшафтҳои экосайёҳӣ - рекреатсионии вилояти Суғд”** тавсифи муфассали шароити табиӣ-географӣ, геоэкологии минтақа, имкониятҳои нигоҳдории гуногуннамудии табиии онҳоро дар бар мегирад ва аз нуқтаи таҳқиқоти хосаи илмӣ мавриди омӯзишу таҳлилҳои ҳамаҷонибаи геоэкологӣ қарор дода шудааст. **(саҳ. 44-80)**

Дар ***зербоби 2.1. Шароити табиӣ-географӣ ва геоэкологии маҳал*** хусусиятҳои сохти геологӣ, релеф, иқлим ва минтақабандии табиии минтақа инъикос гардидаанд ва шароити табиие, ки ба ташаккули манзараҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Инчунин, хатарҳои геоэкологӣ ва маҳдудиятҳое, ки бо истифодаи фаъолонаи муҳити табиӣ алоқаманданд, дар ин зербоб баррасӣ шудаанд. Инчунин, маълумоти мавҷуда доир ба хусусиятҳои табиию геоэкологии вилояти Суғд, яъне қисми ғарбии водии Фарғона бо даштҳои доманаи кӯҳҳо ва нишебиҳои пуштаҳои назди он, инчунин водии Зарафшон оварда шудааст.

Таъкид мегардад, ки объекти таҳқиқотӣ – парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар мавзеи дуртар аз равандҳои хатарноки геодинамикӣ, манбаҳои таъсири радиатсия ва маҳфузгоҳҳои партовҳои хусусияти радиофаъолдошта ҷойгир аст ва ин омил ба ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ ба иншооти мазкур манбаи хатар буда наметавонанд ва баръакс, мавзеъро ба сифати макони мусоиди экологӣ тавсиф медиҳад. **(саҳ. 44-62)**

Моҳияти ***зербоби 2.2. Тавсифи умумии захираҳои обӣ, аҳамияти рекреатсионӣ ва сатҳи хизматрасонии сайёҳӣ*** дар шарҳи сарчашмаҳои обҳои минералӣ, кӯлҳои табиии дорои пайдоиши пиряхӣ ва тектоникӣ дошта, инчунин намудҳои хизматрасониҳои мавҷудаи экосайёҳӣ ва табобатӣ баён карда шудаанд. Ба арзёбии сатҳи ҷории истифодаи ин объектҳо ва нерӯи рушди устувори онҳо аз ҷониби диссертант таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. **(саҳ. 62-71)**

Мазмуни ***зербоби 2.3. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳамчун объекти рушди сайёҳии экологӣ*** аз муҳимияти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд барои сайёҳии экологӣ таркиб ёфта ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ғайр аз он, ҳадафҳои ҳифзи муҳити

табиӣ, фаъолияти рекреатсионӣ ва маърифатии тадбирҳои муҳофизатӣ таҳлил гардида, арзёбии муқаддамотии устувории геоэкологӣ дар шароити истифодаи бонизоми сайёҳӣ-рекреатсионӣ дода шудааст. Дар асоси ин таҳлил заминаи илмӣ ва амалии арзёбии минбаъдаи иқтидори объектҳои мушаххаси табиӣ, яъне ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар мисоли "Дараи Сабз" ташаккул ёфтааст. **(саҳ. 71-79)**

**Боби сеюм "Арзёбии захираҳои табиӣ - геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" бо мақсади ташкили сайёҳии экологӣ"** маълумотҳои муфассали тавсифи захираҳои табиии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва натиҷаҳои таҳлили чуқуру ҳамаҷонибаи шароити табиӣ-географиро дар бар гирифта, дар заминаи арзёбии захираҳои мавҷудаи табиӣ ва имкониятҳои рекреатсионӣ масъалаи ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар объекти таҳқиқот омӯзишу таҳқиқ карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳлили мукаммали хусусиятҳои табиӣ, ландшафтӣ ва геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" бо мақсади муайян кардани иқтидори рекреатсионӣ ва асоснокунии имкониятҳои рушди устувори сайёҳии экологӣ дар ҳудуди он пешниҳод гардидаанд. Бо истифода аз мушоҳидаҳои саҳроӣ, арзёбиҳои геоэкологӣ ва таҳлили захираҳои табиӣ, ақидаҳои калидие ташаккул ёфтаанд, ки арзиши функсионалии ин объекти муҳофизатшавандаро барои фаъолияти сайёҳии экологӣ инъикос мекунанд. **(саҳ. 81-110)**

Дар ***зербоби 3.1. Таснифоти сарватҳои табиии парваришгоҳи "Дараи Сабз"*** захираҳои табиии парваришгоҳ мутобиқи намудҳо ба низом дароварда шудаанд. Инчунин, ҳолати онҳо, дараҷаи ҳифз ва мувофиқати онҳо барои истифодаи рекреатсионӣ бе зарар ба муҳити зист арзёбӣ гардидааст. Ба намудҳои нодир ва дар арафаи азбайнравӣ қарордоштаи наботот ва ҳайвонот, инчунин ба масъалаҳои ҳифзи онҳо ва ба ягонагии сохтори манзаравӣ диққати махсус дода шудааст. **(саҳ. 81-94)**

***Зербоби 3.2. Хусусиятҳои геоэкологӣ, мушкилот ва имкониятҳои рушди сайёҳии экологӣ дар маҳали таҳқиқот*** натиҷаи таҳлили аломатҳои геоморфологӣ ва экологие мебошанд, ки ба устувории экосистемаҳои парваришгоҳ дар шароити фишори рекреатсионӣ таъсир мерасонанд. Минтақаҳои ҳассос ба таъсироти омилҳои беруна муайян гардида, тавсияҳо барои ҳифзи онҳо ва танзими чараёни ташрифи меҳмонон пешниҳод шудаанд. Арзёбии аввалияи устувории геоэкологии ландшафтҳо дар заминаи фаъолияти нақшавии қабулу гусели сайёҳон гузаронида шудааст. **(саҳ. 94-106)**

Муҳтавои ***зербоби 3.3. Ҷараёнҳои геодинамикӣ, таъсироти антропогенӣ ва тағйироти захираҳои геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз"*** хусусиятҳои хосаи геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ошкор ва таҳқиқ гардидаро дар бар мегиранд. Зеро, дар масоҳати 350-400 га зуҳуроти раванди биогеохимиявии ташаккули биосенози махсус – пӯшиши хокию алафӣ дар намуди теппачаҳои шаклашон гуногун бо баландии 0,4-0,7 м бо сатҳи баланди обҳои зеризаминиро таъкид менамоянд. Ҳолати мазкур дар минтақаи кӯҳсор, дар баландии 1450-2200 м ба мушоҳида мерасад, ки дар кӯҳпораи нишебиаш 28-40$^0$ ва экспозитсияи ҷанубу шарқӣ ташаккул ёфтааст.

Пайдоиш (генезис)-и типи тавсифшудаи релеф бо пастшавии равандҳои нишебӣ бо таҳшиниҳои аллювиалии пӯшиши хокӣ ва растанӣ шарҳ дода шудааст. Инчунин, олами ҳайвонот (масалан, хукҳои ваҳшӣ, микроорганизмҳо, бактерияҳо ва ғайра) барои ғизогирии пайваста ба нашъунамои қисми решагии растаниҳо ва тағйироти муҳити геоэкологии маҳал мусоидат кардаанд. **(саҳ. 106-109)**

**Боби чоруми диссертатсия "Имкониятҳои ҳуқуқӣ ва экологӣ - иқтисодии рушди сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда"** ба таҳлили заминаҳои ҳуқуқӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва дигари рушди сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқоти тӯлонии хоса такя намудааст. **(саҳ. 111-148)**

Заминаи ***зербоби 4.1. Асноди меъёрӣ - ҳуқуқии танзими соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ*** аз инъикоси воқеии асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии фаъолияти сайёҳии экологӣ дар марзи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда иборат мебошад, ки дар он танзими санадҳои қонунгузорӣ, ки истифодаи ҳудудҳои фонди табииро барои ҳадафҳои сайёҳӣ инъикос меёбад. Инчунин, шаклҳои идораи моликият, механизмҳои идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ, мониторинг ва назорат бар фаъолияти субъектҳои сайёҳии экологӣ бо таҳияи намунаи Шартнома доир ба идоракунии муштарак ва муваққатии ҷангал ва ғайраҳо таҳлил гардидаанд. **(саҳ. 111-114)**

Дар ***зербоби 4.2. Принсипҳо ва имкониятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудуди табиии парваришгоҳи "Дараи Сабз", таҳияи хатсайрҳои сайёҳӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот*** равияҳои методологӣ барои ташкили инфрасохтори сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо назардошти маҳдудиятҳои экологӣ ва гуногунии манзаравӣ илман асоснок карда шудаанд. Масирҳои эҳтимолии рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таҳия шуда, намунаҳои турҳои мавзӯӣ (ботаникӣ, орнитологӣ, этнографӣ) пешниҳод гардидаанд, ки барои минтақаҳои дорои дараҷаи гуногуни сарбории антропогенӣ муҳим аст, муайян шудаанд.

Бо мақсади таҳлили комплексию илмии мушкилоти ташкили сайёҳии экологӣ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва муайян кардани роҳҳои самараноки он аз ҷониби диссертант таҳлили SWOT гузаронида шудааст, ки барои татбиқи барномаҳои рушди сайёҳии экологӣ ва барои аниқсозии дурнамои соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд. **(саҳ. 115-132)**

Маълумоти дар ***зербоби 4.3. Таъсири ташкили сайёҳии экологӣ ба фарҳанг ва маърифати экологии аҳолии маҳаллӣ*** инъикосёфта шаҳодат медиҳад, ки афзудани шумораи ташрифи сайёҳон ба ноҳияи Шаҳристон, аз ҷумла сайёҳони экологӣ ба парваришгоҳи "Дараи Сабз" барои ҳаллу фасли мушкилоти муайяни иҷтимоиву иқтисодии минтақаи кӯҳӣ мусоидат мекунад. Баҳри дарки хусусиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ суҳбатҳои самимии тӯлонӣ ва пурсиши афкор бо намояндагони қишрҳои мухталифи ҷомеа гузаронида шудааст, ки натиҷаи онҳо барои дарёфти тамоми ҷанбаҳои тағйироти фарҳанг ва маърифати экологии аҳолии ҳудудҳои табиии махсус

муҳофизатшаванда ва ҳудудҳои ҳамшафат, имконияти пешгирии саривақтии тамоюлҳои манфии рушди сайёҳӣ дар марҳилаҳои ибтидоӣ, таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати ноҳиявӣ дар самти болобардории маърифат ва фарҳанги экологӣ ва ғайраҳо заминаи боэътимоди маълумотҳои дақиқ мебошад. **(саҳ. 132-137)**

Дар ***зербоби 4.4. Ҷанбаҳои болоравии сатҳи иқтисоди аҳолии атрофи парваришгоҳи "Дараи Сабз"*** натиҷаҳои пурсиши афкори сайёҳон, аз ҷумла сайёҳони хориҷӣ, таҳқиқоти хосаи муаллиф ва маълумоти оморӣ оварда шудааст, ки аз болоравии сатҳи иқтисоди аҳолии маҳал дар натиҷаи рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ гувоҳӣ медиҳанд. Чунин натиҷаҳоро тағйироти мусбати нишондиҳандаҳои сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва ҷараёни босуръати болоравии сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ исбот менамояд. Зеро, ошкор ва асоснок карда шудааст, ки барои ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" заминаҳои боэътимоди табиӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва ғайра мавҷуданд. Барои таъмини рушди бемайлони соҳаи сайёҳӣ ва таъмини устувории геоэкологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" унсурҳои мухталифи механизми рушди устувор, аз ҷумла таъмини фазои мусоиди соҳибкорӣ дар заминаи такомули асноди меъёрӣ – ҳуқуқии ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ, ҷалби сармоягузорӣ аз сарчашмаҳои мухталиф, аз ҷумла грантӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, бунёди инфрасохторҳои нав ва ғайра пешниҳод карда шудаанд.

Бо мақсади меъёрҳои баҳодиҳӣ ё арзёбии самароварӣ ва пешрафти сайёҳии экологӣ дар доираи объекти табиии мушаххас, аз ҷумла парваришгоҳи "Дараи Сабз" диссертант индикаторҳои дақиқро муайян кардааст, ки ба таҷрибаҳои мавҷудаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, натиҷаи омӯзиш ва таҳлили онҳо такя менамояд ва дар таъмини устувории геоэкологӣ нақши калидӣ мебозанд. **(саҳ. 137-142)**

Моҳияти ***зербоби 4.5. Дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз"*** нишон медиҳад, ки иқтидори рекреатсионии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ба ҳайси объекти сайёҳии экологӣ арзёбӣ карда шаванд, ҳам дорои баъзе маҳдудиятҳо ва принсипҳои интихоби моделии парваришгоҳи мазкурро тақозо менамоянд. Зеро, парваришгоҳи "Дараи Сабз" дорои пойгоҳи илмӣ – таҳқиқотӣ, натиҷаи баҳисобгирии олами набототу ҳайвонот ва экосистема, арзёбии гуногуннамудии биологӣ ва мушоҳидаҳои тӯлонии ҳолати табиат мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқот аниқ карда шудааст, ки инфрасохтори ба қадри муайян рушдёфта ва ғайраҳо минтақаи Суғдро аз ҷиҳати иқтидор дар қатори мавзеъҳои бартаридоштаи рушди минбаъдаи сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон муаррифӣ мекунад. **(саҳ. 142-147)**

Қисмати хулосаҳои диссертатсия, ки дар анҷоми ҳар як боб ва хулосаҳои ниҳоии кори диссертатсионӣ нуктаҳои калидии таҳқиқотро дар бар гирифта, натиҷаҳои муҳимтарини давоми таҳқиқот бадастомадаро инъикос менамоянд. Хулосаҳои умумии диссертатсия, ки ҷамъбасти мантиқии тамоми кори илмӣ мебошад, воқеияти далелу бурҳонҳои овардашударо таъмин

намудааст. Ҳамаи ин маълумоти илмӣ заминаи устуворро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва амалии рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ муҳайё месозанд, аз ҷониби диссертант мушаххасан баён карда мешавад.

Дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф доир ба имкониятҳои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳои шаклан мушаххас оварда шудаанд. Ҳамзамон, тавсияҳо ҷиҳати такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва сохтори ташкилии фаъолияти марбут ба таъмини мувозинати байни ҳифзи табиат ва рушди сайёҳӣ пешниҳод мегарданд. Зарурати андешидани тадбирҳои ҳамгироёнаи экологӣ-маърифатӣ, банақшагирии устувори масирҳои сайёҳӣ, ташкили ҳамкории самаранок байни мақомоти давлатӣ, аз ҷумла давлатҳои ҳаммарз ва сертификатсияи экологӣ барои объектҳои сайёҳии экологӣ дар асоси шартномаи тарафайн ва ғайраҳо асоснок карда шудааст.

***6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия*** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд, инчунин дар раванди таълими ихтисосҳои равияи табиатшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла самтҳои аграрӣ, географӣ, экологӣ ва сайёҳӣ мавриди истифодаи пайваста қарор гиранд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба ташаккули инфрасохтори устувори сайёҳӣ, афзоиши шуғли аҳолӣ дар минтақаҳои дорои иқтидори сайёҳӣ, беҳтар гардидани вазъи экологӣ дар қаламравҳои табиӣ тавассути ҷорӣ намудани меъёрҳои сайёҳии устувор, баланд гардидани ҷолибияти сармоягузории соҳа ва ғайраҳо мусоидат намоянд, ки аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсияро таъкид менамоянд. Ғайр аз он, татбиқи тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудаанд, метавонанд ба рушди соҳибкории хурду миёна, бахусус дар соҳаҳои сайёҳии экологӣ ва агросайёҳӣ саҳми назаррас гузоранд, ки ба баланд шудани сатҳи даромади аҳолии маҳаллӣ таъсири мусбат расонида, рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои дурдаст, аз ҷумла ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро таъмин менамояд.

***7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия***

Ҷузъҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 24 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Ин ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ дар бораи фаъолиятҳои нашрии номзадон ба дараҷаи илмӣ мувофиқат намуда, навоварӣ, аҳамият ва тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқотро дар ҷомеаи илмӣ таъмин менамояд. Нашри маводҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати сатҳи баланди арзёбии коршиносӣ ва эътирофи аҳамияти илмии маводҳои пешниҳодгардида мебошанд.

***8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия***

Автореферати рисолаи диссертатсионӣ дар маҷмуъ тамоми мундариҷа ва муқаррароти асосии кори рисоларо инъикос мекунад. Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мантиқан баробармазмун мебошад. Автореферат, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Гарчанде, ки дар қисмати болоии тақриз баҳои мусбат ҷиҳати таҳлили маълумотҳо баён гардида бошад ҳам, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва амсоли онҳо ҷой доранд, ки ҷузъӣ буда, ба сифати диссертатсия ва сатҳи илмии он таъсири манфӣ намерасонад. Вале, ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд, ки барои баланд бардоштани сатҳи ороишӣ, илмӣ, амалӣ ва дигари диссертатсия мусоидат карда метавонанд:

1. Дар диссертатсия ҷанбаҳои умумӣ ва фарқияти мафҳумҳои сайёҳии экологӣ ва сайёҳии рекреатсионӣ ба таври ҷудогона аниқ ва муфассал карда нашудаанд, ки ҳолати мазкур боиси пайдоиши душворфаҳмии терминологӣ, махсусан дар заминаи таъсири бевосита ва бавоситаи онҳо ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда мегардад.
2. Даромад ва манфиати иқтисодии аҳолии маҳаллии атрофи парваришгоҳи "Дараи Сабз" аз рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар сатҳи кофӣ таҳлил ва инъикос нагардидаанд.
3. Болоравии сатҳи зиндагии аҳолии атрофи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда тавассути рушди сайёҳии экологӣ дар заминаи тафсили механизмҳои мушаххаси ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби сокинони маҳаллӣ асоснок карда нашудааст.
4. Дар диссертатсия механизмҳои таъсиррасони ташкили назорати давлатӣ ҷиҳати риояи меъёрҳои ҳифзи муҳити зист ва заминаи илмии тадбирҳо барои коҳиш додани таъсири инсонӣ пешниҳод нашудаанд.
5. Номгӯи тадбирҳои мушаххас баҳри маҳдуд кардани фишори антропогенӣ ба захираҳои рекреатсионӣ ва таъмини ҳифзи экосистемаҳои парваришгоҳ дар ҳолати болоравии сатҳи ҷараёни сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ таҳия ва пешниҳод карда нашудаанд.
6. Ҷузъиёти механизмҳои ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва мавқеи Боғи миллии "Зоомин" дар таъмини рушди сайёҳии экологӣ дар "Дараи Сабз" мушаххас баён наёфтаанд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки норасоӣ ва камбудиҳои зикргардида хусусияти ҷузъӣ дошта, эътибори илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд ва ба мухтавои илмии кор таъсири манфии назаррас намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии

истифодабарии табиат пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267" тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои биология,
профессори кафедраи география
ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев Мамадризохонов А.А.

"_14__" __ноябри___соли 2025

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи Н.Қурбонасейнов 58
Тел.: (+992) 91-948-75-91.
E-mail: akbar63@mail.ru

Имзои профессор Мамадризохонов А.А.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

Суроғаи муассиса:
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109
Тел.: (+992) 50-133-47-25
E-mail: saidrahmonov2018@mail.ru

"_14__" __ноябри___соли 2025